## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктории Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дар мавзуи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Дар таърихи мавҷудияти адабиёти тоҷику форс ҳамеша миёни ҳавзаҳову мактабҳои шеъру суханварӣ робитаҳо пойдору устувор буданд, зеро тамоми марказҳо ва адибону эҷодкорон аз сарчашмаи ягона шодоб мегардиданд. Бо вуҷуди ин, аз асри XVII шуруъ карда бо сабаби таъсиргузории сиёсату дин, ихтилофи мазоҳиб, ҷангу манфиатталабии хонадонҳои сиёсии Сафавиёну Шайбониён, Афшориёну Аштархониён ва Қоҷориёну Манғитиён дар қаламрави Эрону Осиёи Марказии кунунӣ ҳамкориҳои адабӣ суст гардид. Ин маънои онро дорад, ки дар баробари қоим будани забону сарчашмаи муштарак адабиёти ҳавзаҳои бузурги минтақаҳои ёдшуда тамоюлҳои ба худ хос пайдо карданд. Дар қаламрави Аморати Бухоро, хонигариҳои Хеваву Хуқанд, бекигариҳову мулкҳои тобеъ ба ин воҳидҳои маъмурӣ осори адабию таърихие рӯйи кор омаданд, ки фарогири таъриху адабиёти ҳамин муҳити ҷуғрофию фарҳангӣ буданд. Дар ин шумор метавон аз асарҳои «Туҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ, «Таърихи Ҳумоюн»-и Муҳаммад Содиқхоҷаи Бухороии мутахаллис Гулшанӣ, «Таърихи нофеъӣ»-и Муҳаммадалии Балҷувонӣ ва боз якчанд тазкира ёдовар шуд, ки муаллифони онҳо асосан ба шарҳу баррасии вазъи таъриху адаби сарзамини мазкур ихтисос ёфтаанд. Ин ҳол далолат аз он дорад, ки фазои адабиву маънавии минтақа тадриҷан ба сари худ ҷудо гардида буд. Илова бар омилҳои зикршуда, то соли 1870 тамоми қаламрави Аморати Бухоро аз ҷониби Россияи подшоҳӣ тасаллут гардида, дар ҳаёти ҷамъиятӣ дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Баъд аз 50 соли таъсиргузории мутлақи империяи Россия низоми сиёсӣ куллан тағйир пазируфта, Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро

таъсис меёбад ва пас аз чор сол тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ боиси зуҳури ҷумҳуриҳои мустақилу мухтори шуравӣ арзи ҳастӣ мекунанд. Маълум мешавад, ки чунин дигаргуниҳои чашмрас ба афкори адабии замон асари ҷиддӣ гузошта буданд ва онро мутобиқ ба талаботу меъёрҳои ҳоким ба самти хеш мекашиданд.

Аз автореферати диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович таҳти унвони «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX» маълум мешавад, ки муаллиф дар муқаддима, 4 боб, 16 фасл, 5 зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт моҳияти накду сухансанҷӣ, андешаҳову мулоҳизаҳои аҳли фазли ҳамин марҳалаи адабиёти тоҷикро дар асоси манобеи зиёди илмиву адабӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Ишораҳои дар поварақ овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки унвонҷӯ барои зикри саҳеҳи як матлаб ё як мафҳум ва ҳаллу фасли масъалаҳои мавриди назараш чанд сарчашмаро мутолиа намуда, ба осори арзишманди адабпажуҳони ватаниву хориҷӣ такя намудааст.

Соҳиби автореферат осори адабиву таърихии чеҳраҳои барҷастаи илму адаби нимаи дуюми асри XIX ва нимаи аввали асри XX, маорифпарварону ҷадидон, амсоли Аҳмади Дониш, Абдурраӯфи Фитрат, Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, Ҳоҷӣ Азими Шаръӣ, Мирсиддиқхони Ҳашмат, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, Афзал-махдуми Пирмастӣ, Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ, Садриддин Айнӣ, маҷмуаи дастаҷамъии «Намунаҳои адабиёти тоҷик ва боз даҳҳо манобеи марбут ба афкори адабии донишварони замон, ҳамчунин садҳо китобу мақолоти тадқиқиро дар ҷараёни таълифи пажуҳиши хеш ба кор бурдааст.

Муаллиф дар заминаи ковишҳои илмии худ моҳияту равиши накду суханшиносии даврро нисбат ба рӯзгору осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Шайх Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигар симоҳои илму адабиёт мавриди баррасӣ қарор дода, дар боби ҷудогона фаъолияти ноқидони адабиёти тоҷикии нимаи якуми қарни XX, монанди Т. Зеҳнӣ, Ҷ. Икромӣ, М.

Турсунзода, С. Улуғзода, А. Деҳотӣ, Л. Бузургзода, Х. Мирзозода, Ш. Ҳусейнзода, А. Мирзоев, Р. Ҳошим ва дигаронро тадқиқ кардааст.

Бояд махсус ёдрас шуд, ки муаллиф дар баробари таърихномаҳову тазкираҳо, инчунин аз маводи матбуоти ватаниву хориҷӣ низ огоҳонаву мавридшиносона истифода бурдааст.

Аз ин ҷиҳат, вусъату умқи таҳқиқ рисолаи Аъзамов С. Б.-ро ба сифати таърихномаи мукаммали афкори адабии қариб як аср рӯнамо месозад, зеро банду басти андешаҳо, робитаи замонаҳо, муқаррар сохтани меъёру равишҳои хоси накду сухансанҷӣ, овардани далелҳои равшану зарурӣ аз сарчашмаҳо, дарки саҳеҳи арзишдовариҳои тамоми мароҳили таърихии марбут ба меҳварҳои асосии диссертатсия кори бисёр душвор буда, заҳмати афзуни муаллифро маълум месозанд. Ин ҳама таҳлилу баррасиҳои фарогир ва мушаххасу муайянро метавон на фақат дастоварди диссертант, балки муваффақияти илми адабиётшиносии тоҷик муаррифӣ кард.

Дар канори муваффақиятҳои ёдшуда дар автореферати диссертатсия чанд камбудии ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасад:

1. Дар матни автореферат баъзан ҷумлаҳои услубан ғалат низ ба чашм мерасанд. Мисол: «Таҳқиқи адабиётшиносӣ ва танқидии адабии охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX аз умдатарин мавзуъ дар вазъи имрӯза аст, ки ба дарки аслу моҳияти бисёр саҳифаҳои ҷолиби таваҷҷуҳу норавшан мусоидат мекунад» (автореферат, саҳ. 10). Дар ин ҷо корбурди ибораи «танқидии адабӣ» нодуруст аст. Ё дар ин ҷумла: «Накди давраи шуравӣ, ки ба ду марҳала ҷудо мешавад» (автореферат, саҳ. 21). Дар ин маврид ҳам бояд мафҳуми илмии пазируфташудаи «накди адабӣ» ба кор бурда шавад. Дар ин ибора «накди адаби ҷадидон» низ мафҳуми илмӣ ғалат омадааст (саҳ. 25).

2. Ба ду шакл навишта шудани баъзе аз калимаҳо низ дар автореферат дида мешавад. Масалан, калимаи муҳим ҳангоми ҷумласозӣ як маротиба ба гунаи муҳим (саҳ. 40) ва 26 маротиба дар шакли муҳимм (саҳ. 1, 2, 3, 4 ва ғайра) оварда шудааст.

Албатта, ин ғалатҳо ислоҳпазир буда, тасҳеҳи онҳо вақти зиёдро намегиранд ва ҳусни кори илмии ӯро зиёда коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дар мавзуи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи автореферати рисолаҳои докторӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илми филологӣ, дотсенти
кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Одинаев Нурмаҳмад Сафарович

«24» майи соли 2024.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 63/3.
E - mail: odinaievn@mail.ru
Тел.: (+992) 93-445-33-44.

Имзои дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ
Н.С. Одинаевро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
коргузории Донишгоҳи
технологии Тоҷикистон,
номзади илми сиёсатшиносӣ — Раҳматулло Нусратулло

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 63/3.
Сомонаи муассиса: www.tut.tj
Тел.: (+992-37) 2-50-15-35.
Факс: (+992-37) 2-34-49-88.

«24» майи соли 2024.